# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряххои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология пешниҳод гардидааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло ба яке аз масъалаҳои муҳими муосири геоэкология, глятсиология ва омӯзиши хатарҳои табиӣ бахшида шудааст. Дар шароити тағйирёбии иқлим, таназзули босуръати пиряхҳо ва афзоиши шумораи кӯлҳои пиряхии хатари рахнашаванда омӯзиши динамикаи пиряхҳои набзӣ ва таъсири онҳо ба ташаккули кӯлҳои хатарнок аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ касб намудааст.

Муаллиф дар муқаддимаи автореферат зарурати омӯзиши пиряхҳои набзиро асоснок намуда, нишон медиҳад, ки ин навъи пиряхҳо бо суръати баланд ҳаракат карда, метавонанд сабаби сарбандшавии водиҳо, ташаккули кӯлҳои пиряхӣ ва ба вуҷуд омадани обхезиҳои фалокатбор гарданд. Мавзуи таҳқиқот бо мушкилоти воқеии рушди устувори минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон ва таъмини амнияти экологӣ алоқаманд буда, ҷавобгӯи талаботи замони муосир мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври мантиқӣ муайян гардида, барои расидан ба ҳадафи асосии таҳқиқот мусоидат менамоянд. Объект, предмет ва методологияи таҳқиқот бо мазмуни кор мутобиқат дошта, имкони ҳалли масъалаҳои гузошташударо фароҳам овардаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар такмили методологияи баҳодиҳии хавфи ташаккули кӯлҳои пиряхии хатари рахнашаванда, муайян намудани нақши пиряхҳои набзӣ дар ташаккули чунин кӯлҳо, арзёбии дараҷаи хавфнокии як қатор пиряхҳои ҳавзаи водии Ванҷ ва пешниҳод намудани роҳҳои муҳандисию техникии коҳиш додани хатари рахнашавии кӯлҳои пиряхӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои пешниҳодшуда дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Қобили қайд аст, ки муаллиф дар таҳқиқот аз усулҳои муосири мониторинг, аз ҷумла маълумоти зондкунии дистансионии Замин, таҳлили тасвирҳои моҳворавӣ ва моделсозии компютерӣ истифода бурдааст. Ин ҳолат ба баланд гардидани дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада мусоидат намудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ, мониторинги кӯлҳои пиряхии хатарнок, банақшагирии рушди инфрасохтор ва фаъолияти мақомоти дахлдор, аз ҷумла Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло ба талаботи Низомномаи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Мудири кафедраи география ва сайёҳии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абубдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои география: Давлатзода Ш.Д.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Кӯлоб, маҳаллаи Ҳакимобод,
ҷамоати деҳоти Зиракӣ
Тел: (+992) 93 514 62 01
Email:gadoev.88@list.ru

Имзои Давлатзода Ш.Д. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абубдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов М.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
(+992 3322) 2-35-06, 2-35-09
(+992 3322) 2-35-06
Email: info@kgu.tj, somona@kgu.tj
«19» 06 2026 с.